Тақриз

ба автореферати рисолаи илмии Саидзода Шоҳин Нуриддин дар мавзӯи «Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). –Душанбе, 2019. 29 с.

Ба даст овардани Истиқлолият барои Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъаи азиме буд, ки тағйироту таҳаввулоти бузургеро дар пай дошт. Субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мондани муносибатҳои дутарафаю бисёртарафаи сиёсию иҷтимоӣ, ҳарбию фарҳангӣ ва алалхусус, иқтисодиро ба миён оварда, он дар навбати худ, заминаи рушди савдои беруна, гардиши азими молу пул бо давлату субъектҳои хоҷагидории кишварҳои хориҷа гардид. Аз як ҷониб, муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо бо Тоҷикистон ба таври рузафзун рушд меёбад ва аз ҷониби дигар, Тоҷикистон танзими ин муносибатҳоро, дар шароити соҳибистиқлолӣ ба таври мустақим акнун аз нав ба роҳ мемонад, бинобар ин, дар аксар самтҳои муносибат, мавҷудияти норасоӣ дар танзими ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад. Ба муносибатҳои иқтисодӣ на танҳо субъектҳои бовиҷдон, балки соҳибкорони бевиҷдон, ки бо роҳи қаллобию қочоқ мол ворид намуда, мехоҳанд аз он фоида ба даст оваранд, кам нестанд. Ин падида ба иқтисодиёти кишвар зарарӣ ҷиддӣ расонида, боиси нобоварии мардум ва соҳибкорони дигар ба қувваи қонун, адолати иҷтимоӣ ва ҳокимият гашта метавонад. Ин падида бояд ба таври қонунӣ аз байн бардошта ва роҳу механизмҳои пешгирии он таҳия гардад. Дар ин самт, таҳия ва таҳқиқоти мавзӯи пешниҳодшуда хеле мубрам буда, дар он роҳҳалҳои муносиби шиносоӣ, таҳлил ва пешгирии ҷинояти қочоқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар рисола мубрамияти мавзӯъ ба таври муфассал баён гардида, мушкилиҳои дар ин самт мавҷудбуда низ ошкор карда шудаанд. Умуман, мубрамияти мавзӯъ боиси баҳс нест.

Тибқи автореферат, рисола ба таври мантиқӣ вобаста ба мақсад ва вазифаҳои он аз ҷониби муҳаққиқ ба ду боб ва панҷ зербоб тақсим карда шуда

аст, ки ин тарзи накшагузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои рисола имконият фароҳам овардааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф панҷ навоварӣ пешниҳод намудааст, ки ҳамаи онҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Азбаски рисола ба соҳаи амалкунандаи ҳуқуқ бахшида шудааст, муаллиф дар чор банд тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ва як моддаро (моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар таҳрири нав пешниҳод намудааст.

Таҳлили автореферат ба хулосабарорӣ оид ба он имконият медиҳад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи рисола, маҷмӯи донишҳои мавҷударо оид ба масоили вобаста ба қочоқ ҷамъбаст намуда, рисола барои мукаммал гаштани танзими ин муносибатҳо ва густариш ёфтани мубориза бар зидди ин намуди ҷиноят шароити беҳтарини назарӣ фароҳам меорад. Аҳамияти назариявӣ ва инчунин амалии рисола дар он аст, ки рисола барои дарки илмии ҷинояти қочоқ шароит фароҳам меорад, ки ин омил боиси дуруст ташхис намудани ҷиноят ва мубориза бар зидди он мегардад. Ғайр аз ин муаллиф якчанд масоили баҳсталабро дар ҷараёни таҳқиқот ошкор ва ҳал намудааст, ки метавонанд дар оянда ба таври комил ва бо усули татбиқӣ таҳлил карда шаванд. Аз ҷониби дигар, рисола аҳамияти илмию таълимӣ низ дошта, барои тайёр намудани насли ҷавони ҳуқуқшиносон хизмат менамояд.

Албатта, дар ҷараёни эҷоди рисола баъзе масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд. Масалан, дар таҳияи рисола муаллифи он дар зербоби якуми боби якум тавсифи таърихию ҳуқуқии ҷинояти марбут ба қочоқро дода, асосан даврабандии давраи шуравию пасошуравиро анҷом дода аст (С.13-14 автореферат), ҳол он ки ин намуди ҷиноятҳо таърихи тулонитаре доранд. Аз ҷониби дигар, ҳолати қайдшуда баҳсталаб аст, агар муаллиф дар таҳқиқи масъала равишеро интихоб карда бошад, ки тибқи он марҳилаҳои дуртари таърихӣ бояд аз ҷониби мутахассисони илмҳои таърихию ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шаванд. Аз ин хотир, ишораи мо баҳсталаб буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати баланди илмии рисоларо паст намекунанд.

Дар умум, чи тавре, ки аз таҳлили автореферат бармеояд, рисола дар заминаи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ бо истифодаи васеъи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ тайёр карда шуда, хулосаҳои он мантиқӣ ва дар заминаи омузиши илмӣ таҳия гардида, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи рисолаҳои номзадӣ комилан мувофиқат менамояд.

Рисола хислати маҷмуӣ ва хатмшуда дорад, бо усули обективонаи илмӣ таҳия гардида аст ва аз ин сабаб, муаллифи он - Саидзода Шоҳин Нуриддин барои таҳияи рисола дар мавзӯи «Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор аст.

Муқарриз:

Мудири шуъбаи таърихи давлат
ва ҳуқуқи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ. Буризода Э.Б.

ИМЗОИ Буризода Э.Б.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
КОТИБИ ИЛМИИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА,
СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ
А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИМЗО